**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Ҳасан Ирфон нависанда ва мутарҷими огоҳу боҳунар дар таърихи адабиёти саддаи XX-и тоҷик шинохта шудааст. Ӯ дар рушду инкишофи мактаби тарҷумонӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавқеъ ва саҳми назаррас гузоштааст.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович ба пажӯҳиши осори яке аз аввалин тарҷумонони тоҷик чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се бобу, ҳафт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ иборат аст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи автореферати диссертатсия вазифаҳои пажӯҳишии худро мушаххас баён намуда, муҳимияти мавзуъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён карда, Ҳасан Ирфонро яке аз поягузорони тарҷумаи бадеӣ шинохтааст.

Таҳқиқ ва муайян намудани ҳунари нависандагӣ ва тарҷумони бадеии симоҳои адабию фарҳангӣ ва дигар вижагиҳои насри таърихию бадеии нависанда дар мисоли воқеъияти таърихӣ ба таҳқиқу таҳаввулоти ҳунари образофаринӣ мусоидат менамояд.

Автореферати Боронов Умедҷон Хуҷамуродович маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шуда, кӯшиш ва таҳқиқи навбатӣ дар самти таъйини мақом ва ҷойгоҳи Ҳасан Ирфон дар адабиёти муосири тоҷик ҳунари тарҷумонӣ, маҳорати эҷодӣ, офариниши тасвири симоҳои таърихиву адабӣ, фарҳангии адабиёти ҷаҳонро ба хонандаи тоҷик тавасути тарҷумаҳояш расонида тавонистааст.

Муаллиф дар зимни таҳқиқ ва муайян намудани вижагиҳои тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ ва тарҷумонӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон аз дастовардҳои илмии олимони ховаршинос ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди С. Айнӣ, М. Шакурӣ, Х. Шарифов, А. Набавӣ, Ю.Л. Лотман, Д.С. Лихачев, Ш. Солеҳов, В.М. Жирмунский ва дигарон бисёр истифода намудааст.

Автореферат бо тарзу усулҳои муосири илмӣ таҳия гардида, барои соҳаҳои гуногун маводи зиёд ва пурқимат дода метавонад.

Диссертант ба хотири амиқ ва ҳамаҷониба дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи матраҳшаванда ҳар фаслро бо муқаддима оғоз намуда, дар охир онро бо хулосаи илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошноӣ дошта, ба он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, муваффақ гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин, дастовардҳо аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум гардид, ки дар он бархе камбудиҳои ҷузъӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар саҳифаҳои 9,10, 15, ва 19-и фишурдаи рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуданд.
2. Қисмати муқаддимавии фишурдаи рисола ба бознигарӣ эҳтиёҷ дорад.

Умедворем, ки камбудиҳои ҷузъии номбаршуда аз ҷониби диссертант мавриди бознигарӣ ва таҳриру такмил қарор дода мешаванд.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷавии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Автореферати Боронов Умедҷон Хуҷамуродович таҳти унвони «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Боев Ш. Э.

Имзои Боев Ш.Э -ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.Тел: (+992 935445450)
E-mail:mustafo0612@mail.ru

24.05.2023.